«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон
номзади илмҳои кишоварзӣ,
__________ Давлатов Хуршед Қаҳорович
аз 27 декабри соли 2024

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба Дисертатсияи унвонҷӯи шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ оид ба мавзуи **«Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ, Иргашов Т.А.

Унвонҷӯ Изатулоев Сафарали, соли 1954 таваллуд шуда, соли 1982 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси "Зооинженер" хатм намудааст ва соли 2020 унвонҷӯи Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистонро ба итмом расонидааст.

Дар айни замон дар шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ ба ҳайси ходими калони илмӣ фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ Иргашов Толибҷон Абидҷонович, доктори илмҳои кишоварзӣ.

**Мубрамияти мавзуъ**. Таъмини амнияти озуқаворио аҳолии кишвар вазифаи муҳими олимон ва мутахассисони соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Истеҳсоли озуқаворӣ, сарфи назар аз системаҳои иҷтимоию иктисодӣ ва шаклҳои моликият барои ҳар як мамлакат шарти муҳимтарини фаолияти ҳаёти инсон буд ва мемонад. Чорводорӣ соҳаи дуюми муҳимтарини хоҷагии қишлоқ буда, дар таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо шир ва гӯшт роли калон мебозад.

Ислоҳоте, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон анҷом дода шуд ва дигаргуниҳои дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омада, боиси хеле ғани гаштани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти алоҳидаи озуқавории аз растаниҳо истеҳсолшаванда гардида, дар мавриди таъмини аҳолӣ бо ширу гӯшт ҳануз мавҷуд будани баъзе камбудиҳо ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки чорводорӣ манбаи асосии истеҳсоли шир ва гӯшт мебошад. Истеҳсоли ин маҳсулотҳо бо роҳи парвариши чорвои равнди маҳсулнокиашон ширӣ, гӯштию ширӣ ва гӯштӣ амали карда мешавад.

Дар ташаккули чорводории гӯштӣ дар Тоҷикистон зоти сарсафеди қазоқӣ роли калон бозидааст. Ин зоти чорво аз сабаби маҳсулнокии баланди гуштӣ доштан ва тобовар будан ба шароити хоси иқлим дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Руссия паҳн шудааст.

То имрӯз чи дар Тоҷикистон ва чи дар дигар кишварҳо дар минтақаи парвариши зоти сарсафеди қазоқӣ барои омӯхтани хусусиятҳои муҳимтарини хоҷагидорӣ ва биологии чорвои сарсафеди қазоқӣ оид ба нишондиҳандаҳои афзоиш ва рушд, мутобикшави сифатҳои фарбеҳшавӣ, қобилияти ба маҳсулот табдил додани хӯрока, маҳсулнокии гӯштӣ, ва ғайра ( Арбобов А.А., 1973; Қарақулов А.Б., 1996, 2013; Иргашев Т.А., 2015, 2018, 2020, 2021,2022, Раҷабов Ф.М., 1999, Норов О., 1999; Тагиров Х.Х., 2007, 2009; Косилов В.И., 2012 ва бисёр дигарон ) тҳқиқотҳо гузаронидаанд.

Қарақулов А.Б. ( 1998 ) Косилов В А. (2010, 2014), Иргашев Т.А., (2021, 2022) қайд мекунад, ки хусусиятҳои хоси инкишофи чорводории гӯштӣ дар Тоҷикистон бо баъзе ҷиҳатҳои фарқкунанда дар он аст, ки ин соҳа пеш аз ҳама, бо парвариши зотҳои махсуси чорвои гӯштӣ, аз қабили қалмиқӣ, қазоқии сарсафед, абердин-ангус, герефорд ва дурагаҳои онҳо рушт мекунад. Мавзеҳои парвариши чорвои гуштӣ доманакуҳҳо ва ноҳияҳои кӯҳии кишвар мебошад. Тараққиёти соҳа асосан аз истифода бурдани захираҳои табиии растаниҳои хурокии чарогоҳҳо вобастаги дорад. Ҳамаи ин дар маҷмуъ ба истеҳсоли гӯшти нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Парвариши зоти сарсафеди қазоқӣ дар Тоҷикистон аз соли 1958 оғоз шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ин зот аз ибтидои воридот ва парвариши он ба шароити куҳистони Тоҷикистон хуб мутобик шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои мақсаднок ва мунтазами илмӣ системаҳои самарабахши парвариши чорвои гӯштӣ таҳия карда шуданд, ин имкон медиҳад,ки имкониятҳои генетикии чорвои зоти гӯштӣ дар минтақаҳои нави экологию ҷуғрофӣ амалӣ гарданд.

Солҳои пешин корҳои селексионӣ бо зоти сарсафеди Қазоқӣ бо роҳи интихоб ва хостагирии дохилизотӣ аз рӯи аломатҳои асосии хоҷагидорию биологие, ки самаранокии парвариши чорворо муайян мекунад, ба роҳ монда шуда буд.

Дар баробари ин барои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштии чорвои зебуи маҳаллӣ буқаҳои наслдеҳи зоти сарсафеди қазоқиро истифода бурданд, ки дар натиҷа дар минтақаи куҳсори Тоҷикистон подаи хоси чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки аз зоти аслӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои биологӣ ва хоҷагӣ фарк мекарданд. Ин пода хамчун комёбии нави зотпарварӣ аз тарафи комиссияи Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ санҷида шуда, дар мушовараи Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ бо номи чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ тасдиқ карда шудааст .

Вобаста ба ин, чунин мешуморем, ки гузаронидани таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба омӯзиши муқоисавии хусусиятҳои хоҷагидорию

биологии типи тоҷикии чорвои калони гӯштӣ, ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебуи маҳаллӣ бо мақсади парвариш барои гӯшт дар шароити табии-экологии кӯҳсор муҳим буда, инчунин дорои аҳамияти муайяни илмию хоҷагидорӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Муаллиф мустақилона барнома ва методологияро тартиб дода, сарчашмаҳои илмиро ҷустуҷӯ ва таҳлил кардааст, гурӯҳҳои таҷрибавии чорворо ташкил додааст, нишондиҳандаҳои зоотехникӣ, физиологӣ ва гематологӣ, фаъолияти ферментативии хун, мубодилаи энергияю газ, морфологӣ ва нишондиҳандаҳои гистологӣ, хосиятҳои технологии пӯст, ҳисобҳои самаранокии натиҷаҳои таҳқиқот ва коркарди омории маълумотҳои ба даст овардашуда, инъикос кардааст. Аз натиҷаҳои ба даст омада истифода бурда, зиёда аз 10 мақолаи илмӣ, 1 монография ва 1 тавсиянома ба табъ расонида, дар семинару конфронсҳо баромад кардааст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда таҷрибаҳои хоҷагидорӣ, физиологӣ ва истеҳсолии гузаронидаи Изатулоев С., мебошад, ки дар давраи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ тахти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ, Иргашев Т.А. ҷамъоварӣ намуда, ба қалам додааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз мазмуни асосии кор, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсия бармеояд ва бо шумораи кофии чорво барои баҳодиҳии объективии натиҷаҳо, ки бо усули омори вариатсия коркард шудааст, тасдиқ карда мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст овардашуда бо усулҳои аз ҷумла эътирофшудаи баҳодиҳии чорво тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои онҳо бо усули вариасионӣ-омории ВИЖ бо истифода аз тести Студент барои муайян кардани меъёрҳои эътимоднокӣ объективона коркард шудаанд. Дар асоси ин натиҷаҳо нишондиҳандаҳои зерин ҳисоб карда шуданд: тағирёбии миёнаи арифметикӣ (+- Shx ), квадрати миёнаи реша (+- shx ) ва сатҳи боэътимод (P).

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Бори аввал дар шароити минтақаи доманакуҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар буқачаҳои типи тоҷикии чорвои гӯштӣ ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебу хусусиятҳои афзоиш ва рушд, тағйирёбии синну сол вобаста ба параметрҳои морфофизиологии организми чорворо муайян намуда, нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии гӯшт, хосиятҳои технологии пӯст, муй ва дар ҳамин асос системаи самарабахши истифода бурдани дурагакуниии тозазотӣ ва саноатиро барои тамоми сол нигоҳ доштани чорворо дар чарогоҳ кор карда баромадем.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомада донишро дар бораи бой гардонидани тарзу усулҳои истифодабарии чорвои зотӣ ва дурага бо истифода аз дурагакунии саноатӣ дар ташкили генотипҳои нави ҳайвонот аз ҷиҳати назариявӣ бой мегардонанд.

Кори иҷрошуда аз ҷиҳати амалӣ ба мо имкон медиҳад, ки истеҳсоли гӯшти нисбатан арзон, хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза хеле зиёд карда шавад.

**Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нуктаҳои асоси ва маводҳои таҳқиқотӣ дар ҷаласаҳои Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Душанбе, 2018-2022); маҷлисҳои умумии солонаи академия, конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, (2018-2021); Конфронси байналмилалии илми-амалии «Интегратсияи илм ва амалия ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ», (Луганск, Украина 2019);IV Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Умумироссиягӣ) «Нақши илми кишоварзӣ дар рушди хоҷагии ҷангал ва кишоварзии Шарқи Дур», (Усурийск 2020); Конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии «Дастрасӣ ба биохимияи муосир дар Тоҷикистон», (Душанбе, 2020); Конфронси VIII байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳолат ва дурнамои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ» (Донишгоҳи давлатии аграрии Бошқирдистон, Томск. Институти кишоварзӣ [ва дигарон]. Новосибирск: ИЦ НГАУ "Хушаи тиллоӣ" - 2020); Конфронси байналмилалии илмию амалӣ: «Саноат ва истеҳсолоти кишоварзӣ: вазъият ва дурнамои рушд» (Душанбе, 2021); Конфронси илмии IV миллӣ (Ӯмумирусия) бо иштироки байналмилалӣ (Новосибирск ФР, 2021); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Илмҳои аграрӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди деҳот» (Луганск, Украина, 2021); Ҷаласаи васеи шӯъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ (Душанбе, 2022); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бо иштироки олимони хориҷӣ бахшида ба 85-солагии зодрӯзи академик Х.М. Сафаров, ДМТ «Проблемаи мутобиқшавии организми одам ва ҳайвонот ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист» (Душанбе, 2022); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бо ворид намудани маводи олимони хориҷӣ «Комёбиҳои илмӣ дар соҳаи технологияи инноватсионии парвариши чорвои калони шохдор» (Душанбе, 2022); Ҷаласаи васеи шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гӯштии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, (Душанбе, 2023).

Натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот тадбиқ гардида, дар хоҷагии кооперативии «Кангурт»-ва хоҷагии деҳқонии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлони ҶумҳурииТоҷикистон гузаронида шуд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи тасдиққардаи КОА назди Президенти ҶТ, 7-то дар дигар нашрияҳо, 1 монография ва 1 тавсиянома ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 151 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз сарсухан, таҳлили адабиёт, мавод ва методҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, самаранокии иқтисодӣ, санҷиши истеҳсолӣ, хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот иборат мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 нақша, 47 ҷадвал ва 8 расм оварда шудааст. Барои таълифи диссертатсия аз 176 адабиёти илмӣ истифода карда шудааст, ки 21-тои он ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

**Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда:**

1. Нишондиҳандаҳои рушду инкишоф, маҳсулнокии гӯштии буққачаҳои генотипҳои гуногун.
2. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои морфофизиологии ҷавонаҳо вобаста ба синну сол;
3. Маҳсулнокии гӯштӣ, нишондиҳандаҳои сифатии гӯшт ва хосиятҳои молию технологии пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун;
4. Самаранокии парвариши буққачаҳои генотипҳои гуногун барои истеҳсоли гӯшти гов.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М]. Изатуллоев С** - Динамикаи вазни зинда ва забҳи чорвои генотипҳои гуногун дар минтақаи куҳистони Тоҷикистон / Т.А. Иргашев, В И Косилов , **С. Изатуллоев** , Ф.С. Амиршоев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-амалии « Кишоварз ».-2020. №4 (89).- С.97-100.

**[2-М]. Изатуллоев С.** Тағйирёбии параметрҳои гематологии хун ва хусусиятҳои мубодилаи энергияи гази букачаҳои генотипҳои гуногун / Иргашев Т.А., Изатуллоев С., КосиловВ.И,.// Гузоришҳои АИКТ, № 4, Душанбе. 2023. - С. 57-61.

**[3-М]. Изатуллоев С.** Нишондиҳандаҳои забҳ ва таркиби морфологияи танаи букачаҳои генотипашон гуногун дар шароити куҳистон/С. Изатуллоев//Гузоришҳои АИКТ, № 4, ш. Душанбе. 2023. –С.54-59.

**Монография**

**[4-М]. Изатуллоев С.** Истифодаи оқилонаи иқтидори биоресурси чорвои ҷавони генотипҳои гуногун дар истеҳсоли гӯшти гов /. Т.А. Иргашев , В.И. Косилов, Д. Гармаев , В. Толочка, И.В. Миронова, М Хусейнов, М. Ребезев , **С.Изатуллоев** Душанбе: Нашриёти КВД «Матбаа» 2022. 301 с .

**Тавсиянома**

**[5-М]. Иргашев Т.О., Амиршоев Ф.С., Изатуллоев С., Хусенов М., Косилов В.И.** Тавсиянома оид ба сифатҳои маҳсулнокии гӯштии буққачаҳои типи чорвои калони сергӯшти тоҷики (дастури методӣ) – Душанбе: КВД "Матбаа", -2023.- 24 с.

**Мақола ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои конференсияҳо:**

**[6-М]. Изатуллоев С.** _ Нашъунамои берунӣ ва хаттии буққачаҳои генотипҳои гуногун дар минтақаи кӯҳистонии Тоҷикистон / **С.Изатуллоев** // IV Миллӣ (Умумироссия) илмӣ - амалӣ . конф . «Нақши илми кишоварзӣ дар рушди хоҷагии ҷангал ва кишоварзии Шарқи Дур», (11-12 декабри соли 2020, Уссурийск), Уссурийск, 2020

**[7-М]. Изатуллоев С.** Тадқиқоти муқоисавии нишондодҳои кимиёвӣ ва биохимиявии сифати гӯшти говҳои генотипҳои гуногун// **С.Изатуллоев** , Т.А. Иргашев , В.И. Косилов Мат. Республика илмӣ амалӣ конф . " Дасти биохимияи муосир дар Тоҷикистон", ( Душанбе, 17 октябри 2020), Душанбе, 2020. саҳ. 76-79 .

[8-М]. **Изатуллоев С.** Иргашев Т.А., Хусейнов М., Изатуллоев С., Газеев И.Р. // Сифатҳои маҳсулнокии чорвои ҷавони гуштӣ дар минтақаи куҳистон / Ҳолат ва перспективаҳои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ: мат. VIII Интерн конф илмӣ- амалӣ. / Башкирск . давлат аграрӣ Донишгоҳи Томск . с.-х. Институт [ва ғ.]. – Новосибирск: NC МТМУ "Хӯши тиллоӣ". – 2020 – С.56-59.

[9-М]. **Изатуллоев С.** Иргашев Т.А., Изатуллоев С., Косилов В.И., Хусейнов М. Нишондиҳандаҳои муқоисавии забҳи буққачаҳои генотипҳои гуногун дар шароити минтақаи куҳистон./ //Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ, конференсияи илмию амалии байналмилали дар мавзӯи: "Саноат ва истеҳсолоти кишоварзӣ: шароит ва дурнамои рушд" Душанбе 2021. с.125-132.

[10-М]. **Изатуллоев С.** Иргашев Т.А., Косилов В.И., Хусейнов М., Изатулоев. С. Сифатҳои забҳ ва таркиби морфологии гӯшти буққачаҳои генотипҳои гуногун дар минтақаи кӯҳистони Тоҷикистон/ //Назария ва амалияи илми кишоварзии муосир: Маҷмӯа. Конфронси илмии IV ҷумҳуриявӣ (умумирусия) бо иштироки байналмилалӣ (Новосибирск, 26 феврали 2021) / Новосибирск давлат аграрӣ универ. - Новосибирск: МТМУ "Хушаи тилои", 2021. – С.669-673.

[11-М]. **Изатуллоев С.** Хусейнов М., Иргашев Т.А., Изатуллоев С. Хусусиятхои физиологии буққачаҳо вобаста ба синну сол ва мавсим дар шароити куҳистон // Маҷмуаи материалҳои Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илмҳои кишоварзии минтақаҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди деҳот» (Луганск, 25 январ - 8 феврали 2021). - Луганск: Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии ЛПР Донишгоҳи давлатии аграрии Ленинград, 2021 – С.204-206.

[12-М]. **Изатуллоев С.** Иргашев Т.А., Изатуллоев С., Хусейнов М., Амедов Д.М. Тағийрёбӣ мавсимии рафтори ҷавонаҳои Чорвои калони ирсияташон гунун дар шароити куҳистон Маҷмӯаи илмӣ-амалӣ конфронсҳо : Инноватсионӣ технологияи истеҳсолот, коркарди маҳсулоти чорво, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбурпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. TAU (29 марти 2022). Душанбе, ҶДММ « Нушоб ». 2022. -С. 166-168.

[13-М]. **Иззатуллоев С.** Иргашев Т.А., Хусейнов М., Изатуллоев С. Таъсири генотип ба мубодилаи газу энергия дар буққачаҳо дар шароити кӯҳистон/ // Проблемаи мутобиқшавии организми одам ва ҳайвонот ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист: Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бо иштироки байналмилалӣ, бахшида ба 85-солагии рузи таваллуди академик Х. М. Сафарова (04 майи 2022). Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - ДМТ. - Душанбе, 2022. -С. 193-197.

**Ҷавобгӯ будани диссертатсия ба ихтисос**. Диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзуи **«Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06-02-07 Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба талаботи пешниҳодкардаи диссертатсияи

номзадӣ (Қарори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти № 267) ва шиносномаи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, барои ҳимояи асосӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи ҷаласа дар Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 19 нафар. Миқдори овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 19 нафар, «Зид»-нест, «Бетараф»-нест, протоколи №11, аз 27 декабри соли 2024.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои кишоварзӣ Назарова Ш.Б.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои кишоваврзӣ Бобозода О.С.

Имзои Назарова Ш.Б., ва Бобозода О.С. ро
тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳо Институти
чороводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Асоева Сайфура